# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course: Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

**Week: 15.**

**DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL BASED ON THE IMPROVEMENT OF MUTUAL COOPERATION BETWEEN THE STATE AND THE EDUCATION SYSTEM**

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Development of human capital based on the improvement of mutual cooperation between the state and the education system

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 15

**РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР АСОСИ ТАКМИЛИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ДАВЛАТ ВА НИЗОМИ МАОРИФ**

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

15.1. Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

15.2. Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

15.3. Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Сармояи инсонӣ, такмил, ҳамкорӣ, хусусиятҳо, давлат, рушди сармояи инсонӣ, низоми маориф, рушди сармояи инсонӣ ва афзалиятҳои он, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, механизми такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Дар шароити муосир сармояи инсонӣ омили муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Муссаллам аст, ки он дар байни омилҳои дарозмуддати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол менамояд. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам сармоягузориро ба сармояи инсонӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона намуда истодааст.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Воқеан рушд ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси намояндагони Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад»[1].

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».

- Душанбе, 28.12.2023.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки асосҳои ташаккулёбии консепсияи сармояи инсонӣ, аз ҷумла ғояи муҳиммияти қувваи корӣ, қобилиятҳои инсон, саводнокии он дар рушди боигарии мамлакат ва аҳолии он дар асарҳои асосгузорони назарияи иқтисодии классикӣ таҳқиқ карда шудааст[1].

1.Хайкин М.Н. Эволюция теории человеческого капитала. –Эл. Ресурс: режим доступа: https://ner.ru/news

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Бо дарназардошти накш ва мақоми нерӯи инсонӣ дар таъмини рушди дарозмудати иқтисодӣ, ташаккул ва такмили сармоя масъалаи мубрами пешрафти дилхоҳ давлату миллат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир масъалаи рушди сармояи инсонӣ, яке аз мавзӯъҳои мубрами таҳқиқоти васеи унвонҷӯён ва олимон гардидааст. Яке аз роҳҳои баланд гардидани нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ, принсипу воситаҳо ва фишангҳои иқтисодие мебошад, ки барои таъмини мақсадҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат, бахусус, дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳанг мусоидат менамояд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Тибқи стратегияву барномаи рушди мамлакат ва дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон қабул гардидаанд, омодасозӣ ва ҷалби кадрҳои соҳибтахассус ва дорои малакаву маҳорат ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ пешбинӣ мегардад. Зеро, инсон метавонанд бо салоҳият, дониш ва малакаву маҳоратҳои хеш ихтирооти наверо дар олами илмӣ ба вуҷуд оварад ва дар ин замина сармояи инсонӣ ба болоравии иқтидори иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии мардум мусоидат менамояд.

## Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Мувофиқи тадқиқоти иқтисодчиёни Бонки ҷаҳонӣ, ки омилҳои рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳонро таҳлил намудаанд, дар кишварҳои дар ҳолати гузариш ба иқтисоди бозорӣ (кишварҳои собиқ Шӯравӣ) 16 фоизи рушди иқтисодӣ аз ҳисоби сармояи ҷисмонӣ (таҷҳизот, бино ва дигар инфрасохтори истеҳсолӣ), 20 фоиз аз ҳисоби сармояи табиӣ (замин, канданиҳои фоиданок ва дигар сарватҳои табиӣ) ва 64 фоизи боқимонда аз ҳисоби сармояи инсонӣ таъмин карда мешавад. Дар кишварҳои мутараққӣ бошад, то 40 фоизи маҳсулоти ҷамъиятӣ ба самараи системаи маориф тааллуқ дорад[1].

1.https://tojikon.net/articles/646-nazarijai-sarmojai-insoni-mehnat-shu-l-va bekori.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Ҳамин тариқ, аҳаммият ва мубрамияти мавзуи дарсии рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир асоснок ва шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳияи равиши методиро ба рушди сармояи инсонӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии назариявии муаммоҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти имрӯза ва дар ин замина таҳияи самтҳо ва тавсияҳои методологӣ аҳаммияти назаррас дорад.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Дар марҳалаи кунунии рушд нерӯи инсонӣ, захираҳои меҳнатӣ, иқтидори кадрӣ, сармояи инсонӣ ва сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мавриди таҳқиқи аксари олимону таҳқиқотчиён қарор дода шудааст.

Аз ҷумла, ин аз ҷониби олимони иқтисоддони классику муосири ҷаҳонӣ ва муҳаққиқони тоҷик дар ин соҳа як қатор таҳқиқотҳо анҷом дода шудаанд. Онҳо дар асарҳои илмии хеш вобаста ба коркарди асосҳои назариявии рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, нақши сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккули иқтисодиёти муосир саҳми арзандаи хешро гузоштаанд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Аз ин рӯ, як зумра олимон доир ба мафҳуми нерӯи инсонӣ У. Петти, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, К.Р. Мак-Коннелл, С.Л. Брю таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, онро мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти илмӣ қарор додаанд. Захираҳои меҳнатӣ бошад, дар таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ П.Е. Шлендер, Т.А. Дмитренко, С. Струмлин, иқтидори меҳнатӣ дар таҳқиқотҳои В.Г. Костаков, В. Осовская, А.В. Крушелнитская ва доир ба мафҳуми сармояи инсонӣ олимони тоҷик низ ба монанди Ғаниев Т.Б., Фақеров Ҳ.Н., Дустбоев Ш., Шаропов Ф.Р., дида шудаанд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

«Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки аз ҷониби У. Петти аввалин маротиба мафҳуми “қувваи зиндаи амалкунандаи инсон, ҳамчун омили муҳимтарини рушди боигарии мамлакат ва қисми ташаккулдиҳандаи он таҳқиқ гардида, А. Смит афзалияти нақши қобилиятҳои инсониро нисбат ба омилҳои моддии истеҳсолӣ мушаххас намудааст»[1].

1. Петти У. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкчиз, 1940. – 324с.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Инчунин, зарурат ва накши саводнокии инсон ва аҳолиро дар рушди иқтисодии мамлакат Д.Риккардо таҳқиқ намудааст.

Хусусиятҳои асосии рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ дар асарҳои олимони иқтисодшинос Т. Шулс, Г. Беккер, Л. Туроу, И. Фишер, У. Петти, А. Смит, К.Маркс, А. Маршалл, Ҷ.С. Милл, Л. Дублин, Ф. Крам, С. Форсут, С.А. Бурага., М.М. Критский, А.И. Добринин, С.А. Дятлов, Е.Д. Сирено, Р.И. Капелюшнико, С.А. Курганский, Р.М. Нуриев, А.П. Дудар, В.В. Колочкова, Э. Деннисон, Д. Рикардо, И.В. Илински, Ф. ва дигарон таҳқиқ карда шуда, ба назарияи мазкур асос гузошта шудааст.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Дар баробари ин аз ҷониби олимони шинохтаи тоҷик оид ба ин мавзуи муҳим таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, ба монанди Ғаниев Т.Б., Фақеров Ҳ.Н., Дустбоев Ш., Шаропов Ф.Р., Муқаддасзода Ф.М., Ҷабборов А., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Раҷабов Р.К., Қодирзода Д.Б., Ҳодиев Д.А., Султонова М.М., Мирзоалиев А.А., Исайнов Ҳ.Р., Нурмаҳмадов М.Н., Умаров Ҳ.У., Искандаров Ҳ.Ҳ., Солеҳзода А.А., Хоркашов И.С. ва дигарон.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Асосҳои назариявӣ ва таҳқиқотҳои илмию амалии то ба ҳол анҷом дода шуда, ба рушди сармояи инсонӣ ва мутаносибан ба болоравии иқтидору имкониятҳои иқтисодии кишварҳои олам мусоидат намуда истодаанд.

Вале, аз нигоҳи мо, бо дарназардошти торафт васеъ гардидани доираи ташаккули иқтисоди рақамӣ, иқтисоди донишҳо, зиёдшавии хавфу чолишҳои замони муосир ва дигар мушкилоту масъалаҳои давлатҳои рӯ ба тараққӣ таҳқиқотҳои анҷомдодашуда кофӣ намебошанд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Қайд намудан зарур аст, ки дар таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ масъалаҳои сармояи инсонӣ дар шароити муосир ба пуррагӣ омӯхта нашуда, ташаккул ва инкишофи масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявӣ, амалӣ ва методологӣ таваҷҷӯҳи амиқу хоссаро талаб менамояд.

Дар робита ба ин, нақши сармояи инсонӣ дар ҳадафҳои амалисозии рушди иқтисоди миллӣ, бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва такмилдиҳии он дар сатҳи ҷумҳурӣ, ба воситаи коркарди механизмҳои муосири рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар дарсӣ мазкур мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Ҳамин тавр, омӯзиши моҳият ва накши рушди сармояи инсонӣ ва таҳияи механизми ташкилию иктисодӣ интихоби мавзуи дарс, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст.

Ҳамин тавр, дар як давраи начандон тӯлонӣ омили инсонӣ дар таҳлилҳои иқтисодӣ то дарачае рушд ёфта, мафҳумҳои захираи меҳнатӣ, қувваи корӣ, захираҳои инсонӣ, захираҳои башарӣ, нерӯи корӣ, нерӯи инсонӣ, сармояи зеҳнӣ, сармояи эчодӣ, инсони ҳушманд, инсони рақамӣ, моликияти зеҳнӣ пайдо шудааст ва то ҳанӯз ин мафҳум дар ҳоли ташаккулу такмил қарор дошта, нуқтаи назари ягона муқаррар нагардидааст.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили давлат ва низоми маориф

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, сармояи инсонӣ бояд ҳамеша дар ҷомеа мавқею манзалати арзишмандро соҳиб бошад ва дар ташаккули инсон ва рушди касбияти он чӣ қадар сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ зиёд бошад ҳам, он ҳоло кам аст.

Дар шароити муосир вазъи маориф мураккаб ва зиддиятнок арзёбӣ мегардад. Имрӯз хидматрасонии таълимӣ, махсусан хизматрасонӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ҳам дастраси умум гардида, ҳам гуногунҷабҳа мегардад.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Хизматрасонии таълимӣ новобаста аз сарҳади давлатӣ, забон ва дигар монеаҳо рушд мекунад, ки ин муҳимтарин омили рушди босуръати тамоми инсоният дар саросари ҷаҳон мебошад.

Рушди технологияҳои коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки ҳар як шахс, новобаста аз нажод, миллат ва аломати ҳудудӣ, дар вақти лозима маълумоти заруриро ба даст орад. Ба ин муносибат шаклҳои нави таълим ба вуҷуд меоянд, рақобат дар бозори хизматрасонии таълимӣ шиддат мегирад, сифати таълим беҳтар мегардад, усулҳои таълим такмил меёбанд ва ғайра.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Ҳама сола дар иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон, тибқи арзёбии таҳқиқотчиёну муҳақиқони ғарбӣ, зиёда аз 500 касби кӯҳна аз байн меравад ва беш аз 600 касби нав пайдо мегардад. Агар пештар мавҷудияти маълумоти олӣ барои 20-25 соли фаъолияти амалӣ кифоя бошад, ҳоло давраи оптималии самараи он 5-7 сол ва дар соҳаҳои саноате, ки пешрафти илмию техникиро муайян мекунанд, 2-3 сол мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки дар баъзе соҳаҳои саноат давраҳои навоварӣ назар ба мӯҳлати таълим кӯтоҳтар буда, зарурати такмили доимии ихтисос ва бозомӯзии кадрҳоро ба миён меорад.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Агар мунтазам таҷдид нашудани дониш дар бозори меҳнат ногузир аст. Суръати баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ, технология, нақлиёт, коммуникатсия ба он оварда расонд, ки дар маҷмуъ ин раванд бори аввал ба табиати таълим таъсир мерасонад.

Давлат ва маҷмааи таълимӣ фаъолияти худро барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян дар асоси манфиатҳои умумии субъектҳо, тақсимоти ҳуқуқу ӯҳдадориҳо мутобиқ мекунанд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Бояд қайд кард, ки ин сохторҳои институтсионалиро метавон ҳамчун унсурҳои муҳити ягонаи институтсионалӣ ва ҳамчун муассисаҳои мустақил баррасӣ кард, ки дорои сохтори дохилӣ буда, маҷмуи муассисаҳои хурди алоҳидаро дар бар мегиранд: сохторҳои дахлдори иқтисодӣ (нақша, буҷети давлатӣ, фармоиши давлатӣ), танзимкунанда (шартномаҳои корӣ, созишнома, иҷозатнома, аттестатсия, аккредитатсия ва ғайра) ва иҷтимоию психологӣ, ки бо шароити зиндагӣ муайян карда шуда, дар анъана, урфу одат, малакаи гузашта ва ҳозира ба даст оварда шудаанд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Имконияти сохтори ин муассисаҳо, мавқеъи дугонаи онҳо ҳамчун институт ва ташкилот имкон медиҳад, ки онҳоро ба категорияи мустақил - сохтори институтсионалӣ ҷудо кунем.

Давлат, мақомоти идоравии зинаҳои гуногун вазифадор шудаанд, ки як қатор вазифаҳои ҳаётан муҳимро барои маориф иҷро намоянд, ки аслан аз ҷониби субъектҳои дигар дар миқёси пурра иҷро карда намешаванд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Инҳо вазифаҳои кафили инсонпарварии таълим, ягонагии фазои фарҳангию маърифатӣ, дастрасии умумӣ ва мутобиқшавии таҳсилот, дунявӣ будани он, озодӣ ва гуногунандешӣ, демократияи идоракунӣ ва мустақилияти муассисаҳои таълимӣ мебошанд. Ин маблағгузории маориф ва пешниҳоди кафолатҳо барои сармоягузории дарозмуддат дар ин соҳа мебошад.

Самтҳои асосии ҳамкории мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои гуногун дар робита ба навсозии соҳаи маориф ва тамоми комплекси таълимӣ аз инҳо иборатанд:

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

- ташаккул ва сохторбандии бозори хизматрасониҳои таълимӣ мутобиқи талаботи бозори меҳнат (ҳам миллӣ ва ҳам ҷаҳонӣ);
- нигоҳ доштани иқтидори такрористеҳсоли мутахассисони ватанӣ;
- дастгирии молиявӣ ва сиёсати мувофиқи андоз;
- дастгирии идоракунӣ;
- дастгирии иттилоотию машваратӣ ва таҳқиқотӣ;
- назорат аз болои иҷрои он вазифаҳое, ки аз барномаҳои давлатии рушди маориф бармеоянд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои комплекси таълим ҳамчун сохтори асосии институтсионалӣ баланд бардоштани самаранокии ҳамгироии илм, истеҳсолот ва бозор, инчунин инкишофи ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи маориф мебошад. Корхонаҳо, фирмаҳо, муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ пешрафти илмию техникиро пурзӯр намуда, дар ҷустуҷӯи навигариҳои дурнамо мебошанд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Шаклҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ барномаҳои муштараки таҳқиқотӣ ва таълимӣ, сармоягузории мустақим ба рушди соҳаҳои пешрафта, интиқоли технология, иҷозатномадиҳӣ ва патент, ҳаракати сармояи зеҳнӣ байни кишварҳо, содирот ва воридоти маҳсулоти баландтехнологӣ, корхонаҳои муштарак, франчайзингҳои таълимӣ мебошанд[1].

1.Одинаев А.М. Такмили механизми рушди
сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии
иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ 126-128.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Андӯхти сармояи инсонӣ ҳам дар раванди таҳсил дар мактаб, ки дониш ва малакаҳои асосиро ба вуҷуд меорад ва ҳам дар давраи таҳсилоти баъдимактабӣ, ки ба гирифтани касби муайян нигаронида шудааст, инчунин дар доираи фаъолияти касбӣ сурат мегирад. Илова бар ин, малака ва донишҳое, ки дар марҳилаҳои қаблии омӯзиш ба даст оварда шудаанд, самаранокии сармоягузории минбаъдаро ба сармояи инсонӣ афзоиш медиҳанд ва дар натиҷа имкони фаъолияти бомуваффақиятро дар соҳаҳои гуногун фароҳам меоранд.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Муассисаи таҳсилоти олӣ дониш ва малакаҳои муайяни касбӣ, имконияти татбиқи амалии онҳо ва ба даст овардани тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи бозори касбии меҳнатро дар шакли таҷрибаи корӣ таъмин менамояд. Донишгоҳ инчунин қарзҳои таълимие медиҳад, ки дар бозори меҳнат номбар шудаанд ва бо обрӯ ва номи донишгоҳ тасдиқ карда шудаанд: бакалавр, мутахассис, магистр ва шаҳодатномаҳои дараҷаҳои илмӣ.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Аммо вазифаи муҳимтарини он рушди сармояи умумии фарҳангӣ мебошад, ки барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ ва рушди минбаъда заминаи универсалӣ мегузорад. Дар макромиқёс, қувваи кории дорои маълумоти олӣ иқтидори инсонии кишварро ифода мекунад.

# Хусусиятҳои хоси ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо низоми маориф

Ҳамин тариқ, вазъи низоми муосири таҳсилоти олӣ дар ниҳоят рушди кишварро дар солҳои наздик муайян мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили он аҳаммияти бузург дорад, ки донишгоҳ чӣ гуна ба такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ҳавасманд мекунад ва ё баръакс, монеа мешавад. Барои фаҳмидани он, пеш аз ҳама, муайян кардан лозим аст, ки донишгоҳҳо дар ҷаҳони муосир ба кадом самт ҳаракат мекунанд.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Хусусияти хоси таҳсилоти олӣ дар даҳсолаи охир хеле васеъ ва амиқ шудани ихтисоси дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ тавассути эҷоди самтҳои нав ва интихоби васеи фанҳои интихобӣ мебошад. Дар баъзе донишгоҳҳо, донишҷӯён то 50% фанҳоро интихоб мекунанд. Шумораи мутахассисони байнисоҳа меафзояд: дар солҳои охир истеҳсоли онҳо қариб ду баробар афзуд. Ин ҷавоби табиӣ ба талаботи ҳаёти воқеӣ ҳангоми ҳалли масоили мураккабу серҷабҳа мебошад.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Масалан, имрӯз қариб ҳамаи ширкатҳо, ки дар бораи вазъи бозор ва нарх маълумоти мукаммал доранд, бе маълумот дар бораи талабот ва эҳтиёҷот ба маҳсулоти худ, сифати зиндагӣ, маърифат ва одатҳои истеъмолӣ тамоюли асосии рушди бозорҳоро муайян карда наметавонанд. Аммо барои дуруст баҳо додан ба натиҷаҳои таҳлил ва илова бар ин, дар асоси онҳо стратегияи нав таҳия кардан зарур аст, ки асосҳои сотсиология ва психология, ахлоқ ва фалсафаи афзалиятҳои зиндагиро аз худ кард.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Аз ин рӯ, масалан, имрӯз донишҷӯёни кафедраҳои иқтисодии мактабҳои олӣ на фақат истеҳсолот, молия, муносибатҳои меҳнатӣ, муомилот, ташкили бозор ва идоракунӣ дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлили иқтисодии фаъолият, назарияи қарорҳо, маркетинг, балки инчунин дарсҳои дорои хусусияти байнисоҳавиро меомӯзанд.

Умуман, дар шароити муосир пайдо кардани мувозинати муайян - аз як тараф, ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар, нигоҳ доштани бартариҳои бешубҳаи низомҳои маорифи миллӣ, ки бидуни онҳо мавҷудияти низоми маорифи миллӣ муҳим аст.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Ба андешаи мо, нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли самараноки ҳамкории байналмилалӣ ва ғанӣ гардонидани сармояи инсонӣ, инчунин рушди низоми маорифи миллӣ франчайзинги таълимӣ мебошад. Франчайзинг «созишномаест, ки тибқи он истеҳсолкунанда ё паҳнкунандаи ягонаи маҳсулот ё хидмате, ки бо тамғаи молӣ ҳифз шудааст, ҳуқуқи истисноии паҳн кардани маҳсулот ё хидмати худро дар ҳудуди муайян бо назардошти технологияи амалиёти истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ медиҳад».

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Франчайзинг дар соҳаи маориф як шакли соҳавии франчайзинг мебошад. Ин, дар воқеъ, фаъолияти муштараки муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули пешниҳодҳо, истеҳсол (пешниҳод) ва пешбурди хидмату маҳсулоти таълимӣ ва марбут ба бозор мебошад. Ҳамзамон, хизматрасониҳо бояд ба иҷозатномаи муассисаҳои таълимӣ барои ҳуқуқи фаъолияти таълимӣ мувофиқат кунанд. Франчайзинг маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии фурӯши хизматрасониҳои таълимӣ бо номи тиҷоратӣ, тамғаи молӣ ва тамғаи молии франчайзер бо шартҳои муайян мебошад.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Франчайзинги таълимӣ имкон медиҳад, ки хатмкунандагон мутобиқи талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат омода карда шаванд, зеро он ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки таҷрибаи кишварҳои гуногунро дар соҳаи тайёрӣ омӯзанд, мувофиқи стандартҳои ҳамон кишварҳое, ки дар онҷо онҳо метавонанд таҳсил кунанд эҳтимолан ба кор равад.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Ҳамин тариқ, тамоюлҳои муосири рушди хизматрасониҳои таълимӣ дар шароити ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ дар маҷмуъ ва махсусан ҷаҳонишавии худи низоми маориф нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳо ва вижагиҳои хоси худро доранд, ки ин хам хусусият ва вижагии инкишофи сармояи инсонӣ дар мамлакат мебошад. Маориф ҷузъи таркибии сармояи инсонӣ буда, тамоюлҳои соҳаи маориф бевосита ба ҳолат ва рушди сармояи инсонӣ таъсир мерасонанд[1].

1.Одинаев А.М. Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ 126-128

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Ҳамкории мутақобилаи давлат ва низоми маориф яке аз ҷузъҳои муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Давлат ҳамчун ташкилкунандаи сиёсати умумимиллӣ ва маориф ҳамчун соҳаи асосии рушди захираҳои инсонӣ дар муносибати зич қарор доранд.

**Ба асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ дар шароити муосир дохил мегардад:**

- **Қонунгузорӣ дар соҳаи маориф**: Давлат бо қабул ва татбиқи қонунҳо фаъолияти низоми маорифро танзим мекунад.
- **Стандартҳои давлатӣ**: Меъёрҳои давлатии таълим сатҳ ва мазмуни таҳсилотро муайян менамоянд.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Метавон қайд намуд, ки ба механизми идоракунӣ ва рушди он метавон омилҳои зеринро дохил намуд:

- Вазорати маориф ва илм ҳамчун мақоми марказии иҷроияи давлатӣ сиёсати давлатро дар соҳаи маориф амалӣ мекунад.
- Маълумотдиҳӣ ва ҳисоботдиҳӣ: Муассисаҳои таълимӣ ба сохторҳои давлатӣ ҳисобот медиҳанд ва аз онҳо дастур мегиранд.
- Назорат ва аккредитатсия: Давлат фаъолияти муассисаҳои таълимиро тавассути аккредитатсия ва аттестатсия назорат мекунад.

# Механизми ҳамкориҳои мутақобилаи давлат ва низоми маориф

Ҳамкории мутақобилаи давлат ва низоми маориф як равандест, ки ба баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими захираҳои инсонӣ ва рушди устувори ҷомеа равона шудааст. Механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ, идоракунӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ кафолати асосии рушди соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

# ХУЛОСА

Хуллас, бояд гуфт, ки дар дидгоҳи институтсионалӣ давлат ва маҷмааи таълимӣ ду сохтори як муҳит мебошанд. Ин ду сохтор дар баробари сохторҳои дигар дар муҳити худ даъват шудаанд, ки сармояи инсониро мувофиқи талаботи рӯзафзуни ҷаҳони беруна ташаккул ва инкишоф диҳанд. Ин муҳит метавонад сохторҳои дигарро низ (институтҳо, расмӣ ва ғайрирасмӣ) ҷалб кунад, ки ин ё он шакл ба рушди сармояи инсонӣ таъсир мерасонанд. Вале мо исботи онро медонем, ки дар ин шароит низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун нерӯйи асосии пешбаранда, ҳамчун муассисаи асосие баромад мекунад, ки маҳсули ниҳоии тамоми низомро бо таъиноти ниҳоии он - бозори меҳнат мепайвандад.

# ХУЛОСА

Вазифаи давлат дар ин раванд аз вазифаҳои классикии он иборат аст, яъне: ҳифз, танзим ва назорати равандҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мутобиқи манфиатҳои миллии кишвар. Маҳз давлат бояд тамоми захираҳои дорои хусусияти расмӣ ва ғайрирасмӣ ба хотири як ҳадаф ва як самтро муттаҳид созад.

# ХУЛОСА

Бо назардошти он, ки рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатии берунии аҳолӣ, ба маълумот ва тахассуси муҳоҷирони тоҷик низ алоқаманд аст, зарур аст, ки робитаи байни сиёсати давлатии муҳоҷират ва низоми муҳоҷирати меҳнатӣ муайян карда шавад, ки дар он нақш ва аҳаммияти сиёсати давлатии соҳаи маориф бетағйир боқӣ мемонад.

# Адабиёт:


1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023.

2. Рустамзода Ф.М. Рушди сармояи инсонӣ назария ва амалӣ. Душанбе 2025, саҳ 219.

3. Хайкин М.Н. Эволюция теории человеческого капитала. –Эл. Ресурс: режим доступа: https://ner.ru/news.

4. https://tojikon.net/articles/646- nazarijai-sarmojai-insoni-mehnat-shu-l-va bekori.

5. Петти У. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкчиз, 1940. – 324с.

6. Одинаев А.М. Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ 126-128.